**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.________________
«_06_» _______04_______ соли 2026

## НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ №10

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 04.04.2026. ш. Душанбе

**Раис:** н.и.ҳ., дотсент Давлатманзода Э.Д.
**Котиб:** Маҷидова Р. С.

**Иштирок доштанд:** Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Э.Д. Давлатмандзода, профессорон М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, П.З. Мирзозода, дотсентон Қ.Б. Қурбонов, Н. Шонасриддинов, Ғ.М. Бобокалон, Р.В. Мирбобоева, С.К. Ризоева, Ш.Ҷ. Мансурӣ, Н.И. Муминзода, И.З. Саъдиев, муаллимони калон Р.М. Хоҷаева, С.И. Исмонализода, ассистентон Х.С. Каримзода, Ш. Шабонов, Ф.Ҳ. Азамқулов, Ф.А. Амирзода, Абдулхайри Ҳ., Абдулазизи А., лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯ Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

**Роҳбари илмӣ:** Сангинзода Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм ва таълим, ҳамзамон профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Абдусамадзода Сорбон Мақсад баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар замони кунунӣ соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятдошта дар ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои корӣ ва мустаҳкам намудани инфрасохтор дар

сатҳи миллӣ эътироф мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз захираҳои ғанӣ ва рангини табиӣ, мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва имкониятҳои васеи рушди сайёҳӣ баҳраманд аст, дар солҳои истиқлолият ба пешрафти ин бахш таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда истодааст. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва таъсиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди устувори ин соҳа заминаи устувор фароҳам овардаанд.

Унвонҷӯ қайд намуд, ки тибқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳӣ, дар соли 2024 дар саросари ҷумҳурӣ 200 субъекти хоҷагидор дар заминаи иҷозатнома ба фаъолияти сайёҳӣ машғул буданд. Ҳамзамон, ҳанӯз мушкилоти зиёде, аз қабили набудани иттилооти амалӣ, мушкилоти нақлиёт, сифати пасти хизматрасониҳо, норасоии механизмҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ мавҷуданд, ки таҳлили илмии ҷиддиро талаб мекунанд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З., д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З., н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б., н.и.ҳ, Шонасриддинов Н. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Абдусамадзода Сорбон Мақсад ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Сангинзода Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм ва таълим, ҳамзамон профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Абдусамадзода Сорбон Мақсад суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Роҳбари илмӣ таъкид намуд, ки дар диссертатсия бори нахуст дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пурра мувофиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З., д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З., н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б. ва устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва

тиҷорат н.и.ҳ., дотсентон Шонасриддинов Н., Бобокалон Ғ.М. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Абдусамадзода Сорбон Мақсад муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 8 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ), иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, пешниҳод гардид, ки дар қонунгузории миллӣ суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон ҷорӣ карда шавад, Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ табдил дода шавад ва шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ба таври муфассал танзим гардад.

Абдусамадзода Сорбон Мақсад ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 4 апрели соли 2026, №10 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети
ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д.

Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Давлатмандзода Э.Д ва Маҷидова Р.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«04» 04 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj